# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвончӯ Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуйи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Номшиносӣ як ҷузъи ҷудонопазири таърихи миллат ва баёнгари давраҳои мухталифи рушду инкишофи забону фарҳанги ҷомеа ба шумор рафта, пажуҳиши ҳамаҷонибаи он яке аз масоили мубрами забоншиносии муосир маҳсуб меёбад. Ёдрас бояд шуд, ки дар бештари осори насрӣ ном мувофиқи нақши персонаж вобаста ба хислат, симои зоҳирӣ ва мақоми он дар асар аз ҷониби муаллиф интихоб мегардад, то муаллиф ҳаводиси ба қалам додаашро ба хулқу атвори қаҳрамонаш мувофиқ тасвир карда тавонад. Таҳқиқи мазкур аз он ҷиҳат муҳим ва мубрам аст, ки дар он бори нахуст ономастикаи яке аз асарҳои пурмуҳтавою калонҳаҷми устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо», ки то ҳол дар шакли як диссертатсия баррасӣ нашудааст, мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор мегирад. Зарурати интихоби мавзуи мазкурро таваҷҷуҳи пайвастаи муаллифи рисола нисбат ба таърихи ташаккул ва таҳаввули маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ва кам омӯхта шудани он аз нуқтаи назари таърихию забоншиносӣ ва, махсусан, номшиносии муосир маънидод кардан мумкин аст.

Мақсад аз таҳқиқи ономастикаи асар дар он аст, ки вожагони мутааллиқи антропониму антротопонимҳои асари мазкур аз нигоҳи талаботи забоншиносии муосир мавриди таҳқиқу баррасӣ царор гирифта, маводи топонимӣ дар онҳо аз нигоҳи мавзуъ, вижагиҳои маъноию луғавӣ, сохторӣ ва мансубияти забонӣ тасниф ва таҳқиқу таҳлил гардидаанд.

Сохтори диссертатсияро муқаддима, се боб, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима ташкил медиҳад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия роҷеъ ба муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифа, интихоби мавзуъ ва инчунин доир ба ҷолибияти мавзуъ маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Баррасии вижагиҳои луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» унвон дошта, аз панҷ фасл таркиб ёфта, дар пешгуфтори ин боб доир ба моҳияти умумии ономастикаи забонҳои эронӣ аз қабили соҳаҳои муҳимми эроншиносӣ маҳсуб ёфтанаш, таърихи инкишофи худро доро будану ин илм дар ҷойи холӣ арзи вуҷуд накарда, заминаи қавии илмӣ доштанаш қайд мегардад.

Боби дувуми диссертатсия «Баррасии тобишҳои маъноӣ-услубӣ ва омории ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» унвон дошта, аз 2 фасл таркиб ёфтааст. Боби сеюми диссертатсия «Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» унвон дошта, аз 2 фасл таркиб ёфтааст.

Бояд гуфт, ки осори бадеии давраҳои гуногуни адабиётамон ганҷинаи пурғановатест, ки таҳқиқи онҳо барои афзудани сарвати луғавии забони адабии тоҷикиамон аз ҳар ҷиҳат мусоидат мекунад. Маълум аст, ки устод С.Айнӣ яке аз шахсиятҳои маъруфи миллати тоҷик аст, ки осори пурарзиши илмию бадеӣ офаридааст ва таҳқиқи илмии онҳо ҳам аз назари забоншиносию адабиётшиносӣ ва ҳам аз назари таърихшиносону фарҳангшиносӣ кайҳо шуруъ шуда, диққати садҳо нафар муҳаққикро ба худ ҷалб кардааст. Бо вуҷуди ин, корҳои таҳқиқӣ доир ба осори устод С.Айнӣ дар ҳоли инкишоф буда, масъалаҳои зиёде муҳаққиқи худро интизоранд.

Зимни таҳқиқ унвонҷӯ ба баррасии антропонимҳои ифодакунандаи мифонимҳо, номҳои пайғомбарону чеҳраҳои динию таърихӣ, шоҳону шоҳзодагон, аъёну ашроф, адибону донишмандону фозилон, ҳунармандону пешаварон пардохта, нақши онҳоро дар номгузории манзараҳои табиат, тасвирҳои бадеӣ, ҳаводиси гуногуни таърихӣ, муассисаҳои таълимӣ ва нукоти маскунӣ нишон медиҳад. Номҳое, ки маъноҳои гуногуни услубиро ифода мекунанд, мавриди баррасии махсус қарор

мегирад, ки ҷанбаи илмии корро пурратар мегардонад. Таҳлилҳои амиқи илмӣ дар бахши муайян сохтани баромади забонии калимаҳо мушоҳида шуда, аз рӯйи таҳқиқи унвонҷӯ маълум мегардад, ки дар ташаккули исмҳои хос забонҳои тоҷикию арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-байналмилалӣ ва онимҳои омехта накши асосиро дороянд. Сохтори морфологии онимҳои "Ёддоштҳо"-и устод С.Айнӣ дар боби алоҳида баррасӣ гардида, муайян мешавад, онҳо сода, сохта, мураккаб ва дар қолиби ибораҳо истифода шудаанд.

Навгонии кори муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки баррасии ономастикаи "Ёддоштҳо"-и устод С.Айнӣ бо диди нави илми муосир бори аввал сурат гирифта, барои муайян сохтани ҷойгоҳи номҳо дар таркиби луғавии асар ва мавқеи онҳо дар ташаккули маънавиёти миллӣ мусоидат мекунанд. Бори аввал дар сатҳи хуби илмӣ ифодагари маъноҳои гуногуни услубӣ доштани исмҳои хос собит гардида, мансубияти забонӣ ва сохтории онҳо баррасӣ шудааст, ки ба талаботи пешрафти илми муосир пурра ҷавобгӯ аст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври мухтасар дастовардҳои илмии таҳқиқ дар 12 банд оварда мешавад. Маълум мегардад, ки номҳои дар асар истифодашуда тасодуфӣ набуда, ба таъриху маънавиёти миллиамон алоқаманд буда, қисми зиёди онҳо дар байни истифодабарандагон маъруфу маҳбубанд ва ба расму оини мо мувофиқат карда, барои муайян намудани муносибати пайвандии наслҳо, нажод ва ҷиҳатҳои генетикии мардум мусоидат кардаанд.

Дар маҷмуъ, рисола ба забони хуби илмӣ навишта шуда, дастоварди нави илмӣ ба шумор меравад ва зимни мавзӯъ кулли мақсад ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодкардаашро ҳаллу фасл намуда, барои анҷоми чунин пажуҳиш меҳнати зиёд кардааст.

Ногуфта намонад, аз рӯйи фишурдаи диссертатсия, ба назари мо, дар радифи комёбиҳо боз нуктаҳои баҳснок, бархе иштибоҳот низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар оянда рафъи онҳо боиси болоравии ҳусни пажуҳиш хоҳад гардид.

1. Ба назари мо, бахши дарачаи омӯзиши мавзуъ андаке такмил мехоҳад, зеро дар забоншиносии қиёсӣ доир ба таҳқиқи осори устод С. Айнӣ дар забоншиносии муқоисавӣ корҳои зиёде ба анҷом расидааст.

2. Дар матни фишурда ҷо-ҷо такрори фикр мушоҳида мешавад (ниг. с. 7, 13).

3. Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 4, 6, 10, 15, 67, 78…).

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, зуд ислоҳшавандаанд ва ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Ҳамин тавр, фишурдаи диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуйи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи онро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ донистан мумкин аст.

**Муқарриз:**

Номзади илми филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Назаров М.Н.

«8» май соли 2023.

Имзои Назаров М.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj

«8» май соли 2023.